**Хулосаи**

**Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих)**

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати доктори илмҳои таърих, профессор Собирова Қ.Д. (раис), доктори илмҳои таърих, профессор Латифов Ҷ.Л. ва доктори илмҳои сиёсатшиносӣ Муродова Н.С. рисолаи илмии Комилзода Н.И.-ро дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)» мавриди омӯзиш, санҷиш ва баррасӣ қарор дода, ба хулосаи зерин омад.

Рисолаи илмии Комилзода Н.И. дар шароити нави муносибатҳои байналмилалӣ ба омӯзиш ва таҳлили яке аз мавзуъҳои муҳим - ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021) равона шудааст. Баъди касби истиқлоли давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар самти татбиқи сиёсати хориҷӣ ва ташкили хадамоти дипломатӣ корро аз сифр оғоз намуданд. Бо вуҷуди он ки ҳар ду кишвар дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ дар ин самт дорои таҷрибаи муайни идорӣ ва хоҷагидорӣ доштанд, вале ташкили сохторҳои алоҳидаи мақомоти давлатӣ барои роҳандозии робитаҳои дипломатӣ зарурати возеҳ арзёбӣ мегардид.

Мубрамии мавзуи таҳлилшавандаро муаллиф дар таҳаввул ва рушди сиёсати хориҷӣ, ташаккули хадамоти дипломатии кишварҳо ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафҳои хориҷии давлатҳо дар шароити ба даст овардани истиқлоли давлатӣ бо назардошти бунёди давлати демократӣ, хукукбунёди дунявӣ ташхис намудааст.

Дар рисола давраҳои ташаккул, рушд, густариши робитаҳои дипломатӣ, натиҷа ва дурнамои сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон дар даврони истиқлол мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтанд. Муаллиф усулхои замонавии тахлилиро истифода намуда, ба сифати манбаъҳо ба маводи бойгонӣ, санадҳои меъёрии хуқуқӣ, адабиёти илмии олимони тоҷику қазоқ, асарҳои сарварони ҳарду давлат, маводи матбуоти даврӣ ва сомонахои электронӣ, дар маҷмуъ 225 манбаҳо рӯ овардааст. Сохтори рисола ба таври дуруст тартиб дода шуда, ҳамаи паҳлуҳои омӯзишии мавзуи таҳқиқшавандаро фаро мегирад. Рисола аз муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва номгӯи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, сатҳ ва дараҷаи омӯзиш, асосҳои сарчашмавӣ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, навгониҳо, объект ва предмети

омӯзиш, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, марҳалаҳои таҳқиқӣ, аҳаммияти амалӣ ва назариявӣ диссертатсия, давраҳои хронологӣ, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва саҳми шахсии довталаб дар таълифи диссертатсия баён гардидааст.

Боби якум «Истиқлоли давлатӣ: замина ва марҳалаҳои ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи, Тоҷикистон ва Қазоқистон (солҳои 1991-2000)» буда, аз ду зербоб иборат мебошад, ки таҳқиқотчӣ дар ин боб рушду ташаккул ва самтгирии сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистону Қазоқистонро дар охири асри XX мавриди баррасӣ қарор додааст.

Муаллиф қайд намудааст, ки дар давраи аввали соҳибистиқлолӣ оғози ҷанги шаҳрвандӣ ба амалишавии ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ ва ташкил намудани хадамоти дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа эҷод намуд. Бо вуҷуди ин барои ба эътидол овардани ин вазъият Тоҷикистон ба созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, пай дар пай ҳамроҳ гардида, робитаҳои дипломатиро ба кишварҳои минтақа ва ҷаҳон ба роҳ монд. Ҳамкорӣ бо созмону кишварҳои ҷаҳон яке аз роҳҳои муваффақ гардидан дар ташаккули низоми хизмати дипломатӣ ва аз байн бурдани нооромиҳо дар кишвар заминаи мустаҳкам гузошт.

Дар ин росто Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 январи соли 1993 робитаҳои дипломатиро бо Ҷумҳурии Қазоқистон барқарор намуд, ки ин кишвар дар рафти музокироти сулҳи тоҷикон яке аз иштирокчиёни фаъол ба ҳисоб мерафт. Зиёда аз ин, Қазоқистон дар шароити вазнини иқтисодӣ ва сиёсӣ кумакҳои молӣ ва ҳарбии худро ба Тоҷикистон равона намуд. Қабл аз ин афзалиятҳои сиёсати хориҷии кишварҳо зиёддтар ба Русия равона гардида буд, ки сиёсати хорҷии бисёрсамта барои ҳар ду кишвар заминаи боэтимод ҷиҳати роҳандозии робитаҳои мутақобилаи дипломатӣ ва рушди сиёсати босуботи хориҷӣ гардад.

Бо назардошти пайдо намудани мавқеъ ва нуфуз дар ҷаҳон Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон 2 марти соли 1992 ба Созмони Милали Муттаҳид аъзо гардида, ҳамчун субъекти мустақил дар арсаи байналхалқи пазируфта шуданд.

Дар марҳалаи мазкур самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардид, ки дар он афзалият ба кишварҳои ИДМ ва Осиёи Марказӣ дода мешуд.

Ҷумҳурии Қазоқистон бошад дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ яке аз масъалаҳои аввалин, ки ба унвони давлати соҳибихтиёр ба он рӯ ба рӯ гардид, ин масъалаи аслиҳаи ҳастаӣ дар ҳудуди кишвар буд. Он барои амалӣ намудани ҳадафҳои хориҷии кишвар монеагӣ мекард. Моҳи майи соли 1995 охирин мушаки ҳастаӣ аз қаламрави Қазоқистон берун шуд ва ҳалли масъалаи «мероси ҳастаии шуравӣ» дар Қазоқистон ба ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамта таъсири мусбат гузошт.

Қазоқистон аллакай аз солҳои 1995 рӯ овардан ба сиёсати хориҷии бисёрсамтаро эълон карда буд, аммо мушкилиҳои дохиликавмии кишвар намегузошт, то сиёсати бисёрсамта ба таври зарурӣ амалӣ шавад.

Ҳамчунин, барои ташаккули сиёсати хориҷӣ ва хадамоти дипломатии Қазоқистон ҳамкорӣ бо кишварҳои ҷаҳони ислом бо назардошти арзишҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва тамаддуни он муҳим арзёбӣ мешуд.

Агар дар солҳои аввали истиқлол яке аз дастовардҳои дипломатияи тоҷик ин ноил гардидан ба сулҳу ризоияти миллӣ бошад, пас ба Қазоқистон муяссар гардид, ки аз нооромиҳои дохилӣ пешгирӣ намояд, қайд менамояд Комилзода Н.И.

Боби дуюм «Таҳаввули сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон дар ибтидои асри XXI (солҳои 2001-2015)» номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст. Муаллиф ҳангоми таҳқиқи ин боб зарурати ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон дар ибтидои ҳазораи сеюм ва заминаҳои ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Қазоқистон ва таҳаввули он мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Муаллиф ҳангоми таҳқиқи илмӣ ёдовар шудааст, ки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали истиқлол давраи ташаккулро аз сар гузаронида, дар оғози асри XXI бо қабули Консепсияи сиёсати хориҷӣ 24 сентябри соли 2002, Қонун «Дар бораи хизмати дипломатӣ» 02 декабри соли 2002 ва эълон намудани сиёсати хориҷии «дарҳои кушода» хусусияти сиёсати хориҷии бисёрсамтаро касб намуд.

Сиёсати хориҷии бисёрсамта дар муносибатҳои байналхалқӣ яке аз воситаҳои асосии ҳалли мушкилот, пеш аз ҳама масъалаҳои амнияти байналхалқӣ ва минтақавӣ мебошад.

Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии худро ҳамчун сиёсати мустақили бисёрсамтаи хориҷӣ муайян намуд, ки ба эҳтироми бечунучарои ҳуқуқи байналхалқӣ асос ёфта, дар заминаи айнӣ ва воқеъбинона татбиқ мегардад.

Ҳарчанд Ҷумҳурии Қазоқистон дар бораи татбиқи сиёсати хориҷии бисёрсамта дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ тасмим гирифта буд, вале амалишавии ин ҳадаф ба даҳаи авввали асри XXI рост меояд. Қазоқистон 15 марти соли 2001 усули бисёрсамтаро дар сиёсати хориҷӣ ба таври расмӣ тасдиқ намуд. Яъне яке аз зарурати асосии пешбурди сиёсати хориҷии бисёрсамта ин таъмини амнияти миллӣ мебошад, ки бо равандҳои минтақавӣ, ҳамоҳанг сохтани амалҳои муштараки кишварҳои минтақа, роҳандозии муносибатҳои мутақобила бо кишварҳои муқтадир дар назар аст.

Муаллиф ҳангоми таҳқиқ усулҳои пешбурди сиёсати бисёрсамта ва омилҳои асосие, ки сабаби рӯ овардан ба сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Қазоқистон гардидаанд муайян намуда, бамаврид қайд кардааст, ки бисёрсамта маҳз он фишангест, ки бароиислоҳи камбудиҳои табиӣ ва истифодаи афзалиятҳо дар Қазоқистон имкон фароҳам меорад.

Боби сеюм «Натиҷа ва дурнамои сиёсати бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон(солҳои 2016-2021)» мебошад. Дар ин боб муаллиф марҳалаҳои асосии ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон, дастовардҳо ва дурнамои сиёсати хориҷии бисёрсамтаи кишварҳоро баҳогузорӣ ва таҳлил намудааст.

Муаллиф дар асоси сарчашмаҳои таҳлилнамудааш ташакккули сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистонро ба се марҳала ташаккул, рушд ва таҳаввул тасниф намудааст.

Ҳар як марҳала дорои натиҷа ва дастоварди хосси назаррас дар соҳаи сиёсати хориҷии кишварҳо мебошад, ки муаллиф онро дар рисола ба таври мушаххаст таҳлил намудааст.

Дар асоси ба роҳ мондани сиёсати хориҷии бисёрсамта кишварҳо ба натиҷа ва дастоварҳои беназир дар дохил ва хориҷ аз кишвар сазовор гардидаанд.

Ҷумхурии Тоҷикистон дар асоси ин навъи сиёсати хориҷӣ тавонист дар ҷомеаи байналхалқӣ ҳамчун ташаббускор дар ҳалли масъалҳои глобалӣ вобаста ба об, иқлим ва терроризм муаррифӣ гардад.

Қазоқистон аз рӯзҳои аввали соҳибихтиёрии худ самти густариши сиёсати хориҷии бисёрсамтаро барои рушди ҳамкорӣ бо тамоми марказҳои бузурги иқтисодӣ ва бозингарони асосии геополитикӣ пеша кард.

Дар асри XXI Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон сиёсати хориҷии бисёрсамтаро роҳандозӣ менамоянд. Тайи ин муддат кишварҳо узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳон ва созмонҳои бонуфузи минтақавӣ ва байналхалқӣ шуда, дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ мавқеи муносиб доранд.

Тоҷикистон ва Қазоқистон дар раванди пешбурди сиёсати бисёрсамта ислоҳоти иктисодиро амалӣ намуда, ба кишварҳои ташаббускори ҳалли маъсалҳои глобалӣ табдил ёфтаанд.

Дар хулоса муаллиф натиҷаҳои илмии таҳқиқотро ҷамъбаст ва дастовардҳои сиёсати хориҷии бисёрсамтаи ҳар ду кишваро муайян намуда, нисбати дурнамо ва рушди ҳамкориҳо дар ин самт тавсия ва пешниҳодҳо мушаххас намудааст.

Услуби нигориши илмӣ ва таҳлилу тафсири мавзуъ дуруст ва бо далелҳои илмӣ таҳия шудаанд.

Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар конференсияҳои байналмилалӣ ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

Комиссияи экспертӣ чунин хулоса мекунад, ки диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15. таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) комилан мувофиқ аст.

Комиссияи экспертӣ вобаста ба масъалаҳои зикршуда чунин қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол(1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07. 00 .15. таърихи муносибатҳои

байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 - и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод мегарданд:

**а) доктори илмҳои таърих, профессор Комилова Хосият Ғуфроновна**

**б) номзади илмҳои таърих, дотсент Бобозода Фаридун Толибҷон**

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар **Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия** таъйин карда шавад.

4. Ба нашри автореферати диссертатсия ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

5. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ — Собирова Қ.Д.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ — ЛатифовҶ.Л.

доктори илмҳои сиёсӣ
узви Шурои диссертатсионӣ — Муродова Н.С.

«Тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

14.01.25.